Ҳаргоҳ садои азонро шунидед, монанди он чи муаззин мегӯяд, бигӯед

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Ҳаргоҳ садои азонро шунидед, монанди он чи муаззин мегӯяд, бигӯед."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ташвиқ карданд, ки ҳангоми шунидани азон ба гуфтаҳои муаззин посух бидиҳем. Ба ин шакл, ки ҳар чизе муаззин мегӯяд, ҷумла ба ҷумла монанди ӯ бигӯем. Пас ҳар вақто ки муаззин такбир (Аллоҳу акбар) гуфт, баъд аз ӯ такбир гӯем ва вақто ки шаҳодатайнро гуфт, баъди ӯ шаҳодатайнро бигӯем. Аммо баъд аз лафзҳои "ҳайя ъалас-салот, ҳайя ъалал-фалоҳ" (Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ) гуфта мешавад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3013